## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсия Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи: «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо [β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – «Химияи органикӣ» пешниҳод гардидааст**

Дар байни корҳои химияи пайвастаҳои сулфур органикӣ таҳқиқот дар соҳаи химияи галоидҳосилаҳои пайвастаҳои гетеросиклии сулфурдор мавқеи калонро ишғол мекунанд, ки онҳо алакай барои истифода бурдани ин пайвастаҳои маҳсули синтезшуда дар бисёр соҳаҳои тиб, илм ва техникӣ аҳамияти калони амалӣ дорад. Дар синтези органикии пайвастаҳои органикии галоидҳосилаҳои сулфур барои амалан дарёфти ҳамаи синфҳои маъмули пайвастаҳои сулфурорганикӣ истифода бурда мешавад.

Синфи муҳими пайвастаҳои галоидорганикӣ пайвастаҳои гетеросиклии бромдор ба ҳисоб меравад аз ҷумла α-броматсил-2,3-дигидробензо[β]тиофенҳо ва 1-тиохроманҳо.

Дар робита бо ин бо мақсади дарёфти ҷойивазкунии бисёрфунксияҳои гуногун дар α-ҳолатҳои атсил-2,3-дигидробензо[β]тиофенҳо ва 1-тиохроманҳо ва α-броматсилҳосилаҳои онҳо ҳангоми таъсири ҳамҷояи бром бо атсетил-2,3-дигидробензо[β]тиофенҳо ва 1-тиохроманҳо дар муҳити чорхлориди карбон синтез карда шуд.

Бинобар ин, диққати асосӣ дар кори пешниҳодшудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Саидова Шаҳноза Икромидиновна аз рӯйи ихтисоси химияи органикӣ таваҷҷуҳ ба синтези ҳосилаҳои нави сулфурпайвастаҳои бисиклии таркиби нефт, аз ҷумла 1-тиаинденҳо, 1-тиаинданҳо ва 1-тиохроманҳо, дода шудааст. Маълум аст, ки ҷустуҷӯи роҳҳои нави синтез, тағйир додани молекулаи пайвастаҳои 1-тиаинданҳо ва 1-тиохроманҳо ва ошкор намудани қобилияти реаксионии онҳо имкон медиҳад, ки як қатор моддаҳои фаъоли биологӣ ба даст оварда шавад ва дар оянда ҳамчун реагентҳои нави химиявӣ дар синтези маҳини органикӣ истифода гарданд.

Кори мазкур актуалӣ буда пайвастаҳои синтезкардашуда аз ҷиҳати биологӣ фаъол башумор рафта роҳ ба самти фарматсевтӣ мекушояд. Ба ғайр аз ин онҳо дар соҳаи тиб имконияти тавсия намуданро доранд.

Хулоса автореферати кори диссертасионии Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи: «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои

2,3-дигидробензо [β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – «Химияи органикӣ» пешниҳод шудааст, кори илмии баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, Саидова Шаҳноза Икромидиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз руйи ихтисоси 02.00.03-«Химияи органикӣ» сазовор аст.

Номзади илмҳои химия, дотсент,
декани факултети илмҳои табиӣ
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе М.М. Акбарова

**Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Бохтар, 35/1
Филиали ДДМ ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе
Телефон барои тамос.: (+992 37) 2219982,
E-mail: akbarovamunira@msu.tj Web: www.msu.tj

Имзои Акбарова М.М-ро бовар мекунонам:
Сардори ШСК ва КМ филиали Донишгоҳи
давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназар
28.05.2025